# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи **Ёрова Сабоҳат Нуровна** ба ҳунари образофарии яке аз намоёнтарин чеҳраҳои адабиёти муосири ҳиндӣ Премчанд бахшида шудааст. Дар ҳамин замина образи зан дар ду романи адиб, аз ҷумла романҳои “Нирмала” (“Nirmala”) ва “Камомад” (“Gaban”), ки аз ҷумлаи беҳтарин романҳои нимаи аввали асри XX дар адабиёти ҳиндӣ мебошанд, дар рисола таҳлили худро ёфтаанд.

Мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар он аст, ки ин мавзуъ дар ҳиндшиносии хориҷӣ, аз ҷумла ҳиндшиносии тоҷик то имрӯз мавриди тадқиқот қарор нагирифтааст ва бо ин васила то андозае ба чанд паҳлуи ҳунари образофарии яке аз машҳуртарин романнависи асри XX дар адабиёти ҳиндӣ Премчанд гузаронидани чунин тадқиқот ба манфиати илми ҳиндшиносӣ буда, дар тақвияти муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон ҳиссагузор аст.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомёфта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба Премчанд ва осори ӯ ҳанӯз ҳам пажӯҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти нависандаро бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, ҷойгоҳи Премчандро дар адабиёти муосири

ҳиндӣ муайян менамояд ва ҳамзамон хусусиятҳои симоофарии осори ӯро ба қадри зарурӣ муайян месозад. Дар рисола инчунин муайян карда шудааст, ки Премчанд (1880-1936) ҳамчун асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ, аз ҷумлаи он адибоне мебошад, ки дар давраи зери истисмори мустамликадорони Британияи Кабир будани Ҳиндустон ҷуръат намуда, ба масъалаи тақдири талхи занони Ҳинд дахолат кардааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар адабиётштносии тоҷик бори аввал аст, ки ин мавзуъ мавриди тадқиқоти ҷиддӣ қарор гирифта, бо ин васила то андозае ба зиндагинома ва мероси адабии нависандаи номдори Ҳиндустон Премчанд ва хусусиятҳои мавзуӣ, идеявӣ ва услубии романҳои ӯ ба таври мушаххас таҳқиқ шудааст. Дар раванди тадқиқоти худ муаллифи рисола навгониҳои мушаххасро пайгирӣ намуда, бори аввал сабабҳои зарурати дар мавзуи зан асарофарии адибони Ҳинд ва дигар шудани фаъолияти занҳоро дар оила ва ҷомеа нишон додааст.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқ ба масъалаҳои камшинохти марбут ба ҳаёт ва эҷодиёти нависанда - Премчанд равшанӣ андохта, дар омӯзиши романҳои ӯ маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар омӯзишу арзёбии давраи ташаккули романи ҳиндӣ дар замони то ба даст овардани истиқлолият (1947), таҳаввулоти падидомада дар жанри роман, инчунин муҳтаво ва мундариҷаи роман дар нимаи якуми асри XX судманд хоҳад буд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ истифода кард. Ҳамчунин, метавон ҳангоми тадвину таҳлили дастурҳои методӣ ва воситаҳои таълимӣ роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ, мураттаб сохтани курси лексияҳо доир ба адабиёти муосир, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар таълими адабиёти муосири ҳиндӣ ва назария ва амалияи наср дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ, истифода кард.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои марказӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)” кори таҳқиқии анҷомёфта буда,

ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) дар ҷаласаи Шурои дессертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара;
- **Зулфиев Гадомад Нурмадович** – номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Раҳмонов Р. Қ.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Суфизода Ш. З.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Солеҳов Ш. А.

“29” июни соли 2024.